ХУЛОСАИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ

Парвандаи аттестатсионии № _____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 30 октябри соли 2026, №12

Барои сазовор донистани Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ. Диссертатсия дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» аз рӯйи ихтисоси 4.3.6. Паразитология ба ҳимоя 21 августи соли 2026 қабул карда шуд, протоколи №27 шурои диссертатсионии 6D.КОА-039 назди Институти тибби ветеринарии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ). Суроға: 734005, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, к. Қаҳҳоров, 43; тел. (992) 37-2275192 // E-mail: iveterinari@mail.ru, ки бо фармони Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№135/шд аз 29 майи соли 2023) тасдиқ шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич 01 феврали соли 1995 дар ноҳияи Фархори вилояти Хатлон таваллуд шудааст. Соли 2018 факултети тибби ветеринарии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемурро бо ихтисоси духтури тибби ветеринарӣ хатм кардааст.

Абдураҳимов С.Д. айни замон ба ҳайси омӯзгори кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур фаъолият менамояд.

Диссертатсия дар кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур ва хоҷагиҳои чорводории Тоҷикистони Ҷанубӣ иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ – Сахимов Маҳмадамин Раҷабович, доктори илмҳои ветеринарӣ, профессори кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур.

Муқарризони расмӣ:

Каримов Сайфуддин Сайтоҷович - доктори илмҳои тиббӣ, директори Маркази таҳсилоти баъдидипломии Муассисаи таълимии ғайридавлатии «Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон»;

Камолов Насимҷон Шарифбоевич – номзади илмҳои биологӣ, дотсенти кафедраи технологияи маҳсулоти хӯрокаи Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

Муассисаи пешбар: Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров дар хулосаи мусбати худ, ки аз тарафи мудири кафедраи зоология ва физиологияи одаму ҳайвонот, доктори илмҳои биологӣ, профессор Мирзобаҳодурова Ш.Р., профессори кафедраи биология ва методикаи таълими он, доктори илмҳои биологӣ Каримов С.Б. ва омӯзгори кафедраи зоология ва физиологияи одаму ҳайвонот Турсунова З.А. имзо ва аз ҷониби ректори муассиса, номзади илмҳои таърих, дотсент Набизода М.С. тасдиқ шудааст, қайд шуд, ки кори диссертатсионии Абдураҳимов С.Д. аз рӯйи мухтавою навоварии илмӣ, сатҳи методологӣ ва аҳаммияти амалӣ ба талаботе, ки ба рисолаҳои номзадӣ дар ихтисоси зикршуда муроҷиат мешавад, пурра мувофиқ аст.

Номзад **6 корҳои илмии чопшуда** дорад, ки дар онҳо мавқеъҳои асосии диссертатсия баён шудаанд, аз ҷумла **3 мақола** дар маҷаллаҳое, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд. Мақолаҳо муҳимтарин натиҷаҳои асосии тадқиқотро дар мавриди омӯзиши эпизоотология, муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ инъикос мекунанд.

Номгӯйи мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсияшудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд:

[1-М] Абдураҳимов С.Д. Лечение смешанного течения тейлериоза и анаплазмоза крупного рогатого скота / М.Р. Сахимов, С.Д. Абдураҳимов, Н.А.Ахмадов, Э.Х. Искандаров // Известия НАНТ, отделение биологических наук. 2023. №1 (220). С.101-105.

[2-М] Абдураҳимов С.Д. Бутачем при лечении тейлериоза крупного рогатого скота / М.Р. Сахимов, С.Д. Абдураҳимов, С.Х. Давлатов // Кишоварз. 2024. №1 (102). С.66-68.

[3-М] Абдураҳимов С.Д. Сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидозҳо вобаста аз синну сол ва зот / М.Р. Сахимов, С.Д. Абдураҳимов // Кишоварз. 2025. №4(109). С.89-91.

Мақолаҳои дар дигар маҷаллаҳои даврӣ нашргардида:

[4-М] Абдураҳимов С.Д. Эпизоотическая ситуация по кровепаразитарным болезням крупного рогатого скота / М.Р. Сахимов, Э.Х. Искандаров, С.Д. Абдурахимов // Сборник научных статьей

международной научно-практической конференции «Адаптация сельскохозяйственной отрасли к изменениям климата: проблемы и пути решения», посвященной 30-летию Государственной независимости Республики Таджикистан и 90-летию со дня образования Таджикского аграрного университета имени Шириншох Шотемур.- Душанбе, 2021. С. 290-292.

[5-М] Абдураҳимов С.Д. Эффективность инсектоакарицидов при дезинсекции и дезакризации животноводческих помещении / М.Р. Сахимов, С.Д. Абдурахимов, М.М. Джумазода // Сборник статей республиканской научно-практической конференции "Роль диагностических, лечебных и профилактических препаратов в обеспечении биологической безопасности.- Душанбе, 2025. С.64-65.

[6-М] Абдураҳимов С.Д. Фаунаи пироплазмидаҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ / С.Д. Абдураҳимов, М.Р. Сахимов // Маҷмӯи мақолаҳои илмии конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии "Дастовардҳои инноватсионии олимони соҳаи чорводорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ" бахшида ба 110-солагии академик Ғ.А.Алиев – Душанбе, 2025. С.214-217.

Ба автореферати диссертация 7 адад тақризҳои мусбат аз ҷониби олимону мутахассисони зерини соҳа ворид шудаанд:

1. Доктори илмҳои биологӣ, мудири кафедраи физиологияи нормалии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино **Холбекиён М.Ё.**;

2. Номзади илмҳои биологӣ, мудири озмоишгоҳи омӯзиши устуворӣ ба антибиотикҳо ва сироятҳои дохили беморхонавии Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи тибби профилактикии Тоҷикистон» **Қаюмова М.У.**;

3. Номзади илмҳои биологӣ, директори генералии Ҷамъияти кушоди саҳомии якҷояи Тоҷикистону Россия «БИОРТ» **Аҳмадов Н.А.**;

4. Номзади илмҳои биологӣ, омӯзгори калони кафедраи биологияи тиббӣ бо асосҳои генетика ба номи профессор Н.Б.Бердиеви Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино **Ҳакимов С.А.**;

5. Номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи зоологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон **Мирзоев Н.М.**;

6. Номзади илмҳои биологӣ, мудири кафедраи зоологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ **Имонов М.Ш.**;

7. Номзади илмҳои биологӣ, ходими калони илмии шуъбаи паразитологияи Институти зоология ва паразитология ба номи

Е.Н.Павловскийи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон **Искандаров Ф.М.**

Тақризҳои пешниҳодшуда мусбат буда, муқарризони ғайрирасмӣ муҳиммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ, навоварӣ ва дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид кардаанд. Муайян карда мешавад, ки рисолаи илмии Абдураҳимов С.Д., ки ба ихтисоси 4.3.6. Паразитология мувофиқ аст ва муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ мебошад.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевосита дар соҳаи илми паразитология буда, дар корҳои илмию тадқиқотӣ фаъолона иштирок карда, дар ин самт мақолаҳои зиёде таълиф намудаанд, ки мазмун ва муҳтавои онҳо ба диссертатсияи мазкур наздикӣ дорад.

Муассисаи пешбар яке аз муассисаи таълимии бонуфузи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, бо мутахассисони варзидаи худ дар самти тадқиқу таҳлили фауна, биология ва экологияи паразитҳои ҳайвонот маъруф мебошад.

Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Абдураҳимов С.Д. дар асоси иҷро кардани тадқиқи илмӣ дар мавзуи «Тарҳрезии усулҳои муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар Тоҷикистони Ҷанубӣ» як қатор масъалаҳо пешкаш карда шудаанд:

коркард карда шуд: ҳангоми пешгирии махсуси тейлериоз бо истифода аз ваксинаи штамми S_{15}-и ширкати дорусозии "Дорса Парс Тус"-и кишвари Эрон бо меъёри 1,0 мл ба зери пӯсти чорвои калони шохдор самаранокии он 100%-ро ташкил менамояд.

пешниҳод шудааст: барои хоҷагиҳои зотпарварии Тоҷикистони Ҷанубӣ ҷорӣ намудани эмгузаронии зидди тейлериози чорвои калони шохдор бо истифода аз ваксинаи штамми S_{15}-и истеҳсоли Эрон, маводи муолиҷавии зиддипротозойии бупарвекси 5%, бутачем-50, бабезани 12%, имкар-120 ва неозидин-М ҳангоми пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор тавсия мешавад;

исбот карда шуд: ҳангоми тейлериози чорвои калони шохдор самаранокии муолиҷавии маводи зиддипротозойии бупарвекси 5% - 100%, бутачем-50 - 87,5% ва трипанол плюс - 75,0%-ро ташкил менамоянд. Самаранокии табобатии бабезани 12%, имкар-120 ҳангоми бабезиозҳо ба 100% ва неозидин-М дар маҷмӯъ ба 85,7% баробар аст;

ҷорӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои пешгирӣ ва муолиҷаи пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор бо истифода аз ваксинаи

зидди тейлериоз аз штамми S_{15}-и истеҳсоли Эрон, маводи зиддипротозойӣ ва акаритсидии муосир ба солимгардонии хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ аз ин бемориҳо имконият медиҳад;

Аҳаммияти назариявии тадқиқ бо он асоснок карда шудааст, ки ҳаҷми кофии маводи тадқиқотӣ, таҳлили ҳамаҷонибаи натиҷаҳои бадастомада ва интишори онҳо дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда асоснок карда шудааст. Хулосаҳо ва тавсияҳои амалӣ ба таҳлили илмии натиҷаҳои тадқиқот мутобиқ буда, пурра ба маълумоти таҷрибавии бадастомада такя мекунанд.

Маводи диссертатсионӣ метавонад дар такмили ихтисоси мутахассисони соҳаи ветеринарии ҷумҳурӣ, ҷиҳати ташхиси аниқ, табобат ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор, инчунин дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани дарсҳо аз фанҳои паразитологияи ветеринарӣ ва эпизоотология дар факултетҳои тибби ветеринарӣ ва биологияи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мавриди истифода қарор дода шавад.

истифодаи ташхиси микроскопии намунаҳои молишакҳои хуни чорвои калони шохдор бо усули Романовский-Гимза инвазияи экстенсивӣ ва инвазияи интенсивии сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо ва хусусиятҳои эпизоотологии минтақаҳои гуногуни ҷуғрофии Тоҷикистони Ҷанубиро нисбат ба пироплазмидозҳо муайян намуд. Натиҷаҳои тадқиқот нишон доданд, ки дараҷаи паҳншавии тейлериоз ба 74% ва бабезиозҳо бошад, ба 26% баробар аст;

ошкор гардид: самаранокии экстенсивӣ ва интенсивии маводи интермектин супер бар зидди канаҳои иксодӣ 100%, интермектин, ратсидол ва СИПЭК-10% (СЭ=85,7%; СИ=86,9; 87,5; 94,5%) ва ивермектини 1% СЭ=71,4% ва СИ=71,5%-ро ташкил дод. Маводи акариситдии ратсидол ва СИПЭК-10% дар шакли маҳлул бо таносуби 1:1200 ва 1:500 ҳангоми каназании биноҳои чорводорӣ самаранокии 100%-ро ташкил менамоянд;

омӯхта шуд: фауна, динамикаи мавсимӣ, инвазияи экстенсивӣ (ИЭ) ва инвазияи интенсивӣ (ИИ)-и пироплазмидаҳо дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ (водиҳо, доманакӯҳҳо, пасткӯҳҳо ва миёнакӯҳҳо), вобаста аз фасли сол, синну сол ва зоти чорвои калони шохдор, инчунин таркиби намудии канаҳои иксодӣ ва аргасӣ-интиқолдиҳандагони онҳо;

аз нав такмил додани усулҳои муосири муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор ба самаранокии баланди

маводи зиддипротозойӣ ва акаритсидӣ дар шароити хоҷагиҳои чорводории Тоҷикистони Ҷанубӣ имконияти амалӣ фароҳам меоранд;

Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад:

Таҳияи «Тавсияҳо оид ба муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор» таҳия карда шуд, ки онро Шурои илмию техникии Кумитаи бехатарии озуқавории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 декабри соли 2024, протоколи №8 тасдиқ кардааст.

Натиҷаҳои бадастомадаи тадқиқот метавонанд барои мутахассисони ветеринарӣ, омӯзгорон, донишҷӯён, аспирантҳо, докторантҳо ва магистрҳои институту факултетҳои тибби ветеринарӣ ва биологӣ ҳамчун дастури таълимӣ истифода шаванд.

муайян карда шуд: ҳангоми ташхиси микроскопии намунаҳои молишакҳои хуни чорвои калони шохдори ҷинс, синну сол ва зотҳои гуногун дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ (водиҳо, доманакӯҳҳо, пасткӯҳҳо ва миёнакӯҳҳо) дар маҷмӯъ 3 намуди пироплазмидаҳо: *Theileria annulata, Babesia bigemina, Babesia colchica* ошкор гардиданд.

офарида шуд: заминаи илмӣ-амалӣ барои такмили минбаъдаи низоми мониторинги эпизоотологӣ ва чораҳои мубориза бо пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ, ки бо ин мақсад арзёбии самаранокии маводи зиддипротозойӣ, акаритсидӣ ва ваксинаи зидди тейлериози чорвои калони шохдор аз штамми S_{15} ба роҳ монда шудааст;

муаррифӣ карда шуд: натиҷаҳои тадқиқот дар конференсияи байналмилалии илмию амалии «Мутобиқгардонии соҳаи кишоварзӣ ба ивазшавии иқлим: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он», бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 90-солагии таъсисёбии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба ба номи Ш.Шоҳтемур (ш. Душанбе, 22 октябри соли 2021), конференсияи илмию амалии «Чораҳои мубориза бар зидди бемориҳои сироятию инвазионии чорвои кишоварзӣ» (ш. Душанбе, 30 октябри соли 2024), конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши маводи ташхисӣ, табобатӣ ва пешгирикунанда дар низоми бехатарӣ ва амнияти биологӣ» (ш. Душанбе 23 ноябри соли 2024) ва конференсияи байналмилалии илмӣ-амалии «Дастовардҳои инноватсионии олимони соҳаи чорводорӣ дар таъмини амнияти озуқаворӣ» бахшида ба 110-солагии академик Ғ.А.Алиев (ш.Душанбе, 20 декабри соли 2025) ба мутахассисони соҳаи байторӣ муаррифӣ ва мавриди муҳокима қарор дода шуданд;

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадқиқот: Кори диссертатсионии Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дар сатҳи баланди илмӣ ва методологӣ иҷро гардидааст. Хулосаҳои асосии диссертатсия дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти эпизоотологӣ, тадқиқоти микроскопӣ ва серологӣ, омӯзиши самаранокии маводи зиддипротозойӣ ва акаритсидӣ, инчунин ваксинаи зидди тейлериози чорвои калони шохдор аз штамми S_{15} таҳия шуда, дорои асоснокии илмӣ ва аҳаммияти амалӣ мебошад.

Ғоя ба таҳлили натиҷаҳое асос ёфтааст, ки дар раванди тадқиқот маҷмӯи васеи маълумот оид ба дараҷаи сироятёбии чорвои калони шохдор аз пироплазмидаҳо вобаста аз фасли сол, синну сол ва зоти чорво, инчунин моно- ва инвазияи омехтаи ин паразитҳо муайян ва таҳлил карда шуд.

Ҷамъбасти натиҷаҳои бадастомада бо маълумоти тадқиқотии муаллифони маъруфи дохилӣ ва хориҷӣ муқоиса гардида, монандиҳо ва фарқиятҳои илмӣ муайян карда шуданд. Дар асоси таҳлили самаранокии муқоисавии маводи зиддипротозойӣ ва акаритсидӣ тавсияҳои илмӣ-амалӣ ҷиҳати такмили муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор таҳия ва пешниҳод гардиданд.

истифода шудаанд: дар ҷараёни тадқиқот манбаъҳои адабии дастрас, ки аз ҷониби муаллифони ватанию хориҷӣ вобаста ба мавзуи рисола пешниҳод гардидаанд, истифода шуданд. Рӯйхати адабиёт 273 сарчашмаҳои илмӣ, аз он ҷумла 62 адад манбаъҳои хориҷиро дар бар мегирад, ки маълумоти назариявию амалӣ оид ба эпизоотология, муолиҷа ва пешгирии пироплазмидозҳои чорвои калони шохдорро дар бар мегиранд;

муайян шудаанд: дар ноҳияҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ 12 намуди канаҳои иксодӣ ва аргасӣ ошкор гардид: *Alveonasus lahorensis, Rhipicephalus turanicus, Boophilus calcaratus, Dermacentor marginatus, Hyalomma anatolicum, H.asiaticum, H.detritum, H.dromedarii, H.plumbeum, H.scupense, Haemaphysalis sulcata, H. punctata.*

истифода шудаанд: ҳамчун объекти тадқиқот намунаҳои молишакҳои хуни 1686 сар чорвои калони шохдори хоҷагиҳои хусусӣ ва ҷамъиятии чорводории Тоҷикистони Ҷанубӣ ва 1678 адад канаҳои иксодӣ ва аргасӣ - интиқолдиҳандагони пироплазмидаҳои ҳайвонот истифода шуданд. Натиҷаҳои ташхиси микроскопии молишакҳои хун бо усули Романовский-Гимза имконият фароҳам оварданд, ки пироплазмидозҳои чорвои калони шохдор дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ сари вақт муайян ва аниқ карда шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ: Муаллиф мустақилона ҳадаф, вазифаҳо ва самтҳои асосии тадқиқотро муайян карда, адабиёти илмиро оид ба масъалаи баррасишаванда таҳлил намуд, маводи бадастовардаро ҷамъоварӣ, таҳлил ва натиҷаҳои онро аз ҷиҳати илмӣ арзёбӣ намуд. Муаллиф эпизоотологияи пироплазмидозҳои чорвои калони шохдорро дар минтақаҳои ҷуғрофӣ ва экосистемаҳои гуногуни Тоҷикистони Ҷанубӣ омӯхта, самаранокии маводи зиддипротозойиро барои муолиҷаи ин бемориҳо ва ваксинаи штамми S_{15} -ро барои пешгирии махсуси тейлериози гов муайян намуда, дар интихоби мавод барои тадқиқоти микроскопӣ ва серологӣ, инчунин дар коркард ва тафсири маълумоти бадастоварда бевосита иштирок кардааст. Тадқиқот дар кафедраи фармакология ва паразитоогияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур гузаронида шудааст. Натиҷаҳои бадастомада аз ҷониби муаллиф мустақилона ҷамъбаст ва дар таҳияи муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии рисола истифода шуданд.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.KOA-039 рӯзи 30 октябри соли 2026 қарор қабул гардид, ки ба Абдураҳимов Саъди Давлаталиевич дараҷаи илмии номзади илмҳои ветеринарӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ 8 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ ширкат доштанд, аз он 2 нафар доктори илм бо ихтисоси 4.3.6. Паразитология мебошанд. Овоз доданд: тарафдор “8”- нафар, муқобил - нест, бетараф “нест”, варақаҳои беэътибор карда шуда - нест.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои ветеринарӣ **Амирбеков Мулоҷон**

Котиби шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои ветеринарӣ **Ҳасанов Фирӯз Давлатович**

30 октябри соли 2026